Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партавиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Диссертатсияи доктории Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла назарияи давлат ва ҳуқуқ бахшида шудааст. Мақоми судяҳо дар давлат ва ҷомеа, ки яке аз маҳакҳои муайянкунандаи арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеа ба шумор меравад, аз ин лиҳоз шуури ҳуқуқии касбии судяҳо яке аз мавзуҳои махсуси омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқоти илмии замони муосир ба нақши шуури ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳо диққати дахлдор дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти гузаронидаи Қодирзода Тоҳир Қамар маҳз бо мақсади ҳалли проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт ва пурра намудани он норасоиҳо бахшида шудааст. Ин бори дигар собит менамояд, ки ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертант вазифаҳои таҳқиқотро, ки сохтори диссертатсияро муайян менамоянд, возеҳу равшан тартиб додааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб иборат аст. Ҳар як зербоб ғояҳои асосӣ ва ҷамъбасти мантиқии худро доро мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи илмии он дар адабиёти илмӣ тавсиф, алоқамандии таҳқиқот бо дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян шуда, объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи тарихии таҳқиқот), асосҳои назариявӣ, методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навоварии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷ гардидаанд.

Ҳамзамон, дар ин қисмат аз ҷониби муаллиф аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ дарҷ гардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудааст. Инчунин интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд (С. 5-34).

Боби якуми диссертатсия **«Проблемаҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ»** ном дошта, дар доираи он мафҳум ва функсияҳои шуури ҳуқуқӣ, унсурҳои шуури ҳуқуқӣ, намудҳои шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди шуури ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби якум – **«Мафҳум, функсияҳо ва унсурҳои шуури ҳуқуқӣ»** номгузорӣ шуда, дар он бо омӯзиши сарчашмаҳои зиёди илмӣ-таърихӣ, ақидаҳои олимон ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм мавриди таҳқиқ ва омӯзиш ва муқоисакунӣ қарор дода шуда, мафҳум ва унсурҳои шуури ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Қайд мегардад, ки ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ин ё он муносибати одамонро нисбат ба худ ба вуқуъ меоварад, ки метавонад мусбат ё манфӣ бошад. Одамон дар ин ё он шакл муносибати худро ба ҳамаи он чизе, ки танзими ҳуқуқӣ фаро гирифтааст, бо таассурот дар бораи ҳуқуқ алоқаманд аст (қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти суд ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рафтори аъзои ҷомеа дар соҳаи амали ҳуқуқ) ифода мекунанд. Инсон ба ҳар ҳол ба ҳуқуқи гузашта, ба ҳуқуқе, ки айни замон мавҷуд аст ва ба ҳуқуқе, ки дар оянда онро дидан мехоҳад, муносибате дорад.

Дар таҳқиқоти илмии мазкур падидаи шууриии ҳуқуқӣ бо назардошти на танҳо назарияҳои дар боло зикршуда, балки нуқтаҳои назари дигар низ, ки ҳоло ҷой доранд, таҳқиқ карда мешавад. Бар замми ин, ба ақидаи диссертант муттаҳид намудани ҳамаи нуқтаҳои назари илмӣ дар доираи самтҳои алоҳида дар иртибот бо ақидаҳои умумии ҷойдошта имконпазир аст. Ин имкон медиҳад, ки мавқеи шахсии муаллиф оид ба мафҳум, функсияҳо ва унсурҳои шуури ҳуқуқӣ аниқ карда шавад (С. 35-40).

**Дар зербоби дуюми боби якум – «Намудҳои шуури ҳуқуқӣ»** аз ҷониби диссертант се намуди шуури ҳуқуқӣ: ҷамъиятӣ; гуруҳӣ ва фардӣ муайян карда мешавад.

Муаллифи диссертатсия, масъала оид ба намуд ва сатҳҳои шуури ҳуқуқӣ проблемаи сохтори онро мушаххас намуда, идрокро ба дигар

меъёрҳои таҳлили ин падидаи мураккаб равона мекунад. Намудҳои шуури ҳуқуқиро субъектҳои он, барандагон ва эҷодкунандагони шаклҳои гуногуни дарки ҳақиқати ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, се намуди асосии шуури ҳуқуқиро қайд менамояд: ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ. Чунин тақсимот бо аломати дараҷаи гуногуни ҷомеаи иҷтимоӣ асос меёбад (С. 59).

Андешаи диссертант доир ба сарфи назар аз хусусияти абстракии худ шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ҳамеша «заминӣ» буда, аз ҷиҳати ирсӣ ба хусусиятҳои миллию таърихии фарҳанг, дин ва сохти иҷтимоии давлат ва ҷамъияти мушаххас пайванд аст, ҷолиби дастгирӣ мебошад. Чунки ин имкон медиҳад, ки дар бораи шуури ҳуқуқии русиягӣ, амрикоӣ, олмонӣ ва ғайра сухан кунем. Ва аз ин рӯ, ҳар як халқи дорои давлати худ, дорои шуури ҳуқуқии ҷамъиятии аз ҷиҳати иҷтимоӣ нотакрор мебошад (С. 60).

**Дар зербоби сеюми боби якум – «Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳамчун намуди шуури ҳуқуқӣ»** муаллиф қайд менамояд, ки шуури ҳуқуқии касбии судя ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ-сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд, муайян карда мешаванд.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки шуури касбии ҳуқуқӣ-ақидаҳо, анъанаҳо, эътиқоди кормандоне, ки бевосита бо фаъолияти ҳуқуқӣ машғуланд ва дорои дониши касбии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи корӣ мебошанд (судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, мушовирони ҳуқуқӣ, вакилони мақомотҳои намояндагӣ ва ғайра). Тарҳрезии дастурҳои бошууронаи ҳуқуқӣ ва самтҳои арзишӣ дар ҳуқуқшиносӣ, истифодаи онҳо дар амалияи ҳуқуқӣ, татбиқи ба амал баровардани дастовардҳои афкори назариявӣ, принсипҳо ва арзишҳои ҳуқуқ бештар аз он вобаста аст. Шуури ҳуқуқии касбӣ пеш аз ҳама дар асоси амалияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, аммо аз тарафи дигар, воқеан инсондустӣ ва сатҳи воқеан касбии чунин амалия аз он вобаста аст, ки ин ақида ҷолиби дастгирист (С. 101-102).

**Боби 2 диссертатсия – «Фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ» ном дошта,** аз 3 зербоб иборат мебошад, дар доираи он масоил ва табиати фаҳмиши ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ заминаи ташаккули ҳуқуқии тафаккури судяҳо ва расмиёти судӣ, ҳамчун шакли фаҳмиши ҳуқуқӣ дар раванди ҳуқуқтатбиқкунии судӣ, муайян карда мешаванд (С. 105-171).

Диссертант қайд менамояд, ки дар манбаҳои ҳуқуқӣ мисолҳои зиёде вуҷуд доранд, ки дар онҳо шуури ҳуқуқии касбӣ ва илмӣ ба якдигар пайванд дода мешаванд. Бо вуҷуди ин, ба ақидаи ӯ чунин муносибат начандон дуруст аст, зеро шуури ҳуқуқии илмӣ асосан зери таъсири дониш ва таълимоти назариявӣ ташаккул меёбад, дар ҳоле ки шуури ҳуқуқии касбӣ ба донишҳо ва таҷрибае такя мекунад, ки дар натиҷаи фаъолияти амалии татбиқи ҳуқуқ ба даст меояд. Зиёда аз ин бисёре аз муаллифон таъкид мекунанд, ки доштани таҳсилоти махсус манбаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, зеро он барои азхуд намудани донишҳои махсус, ташаккули малака ва маҳоратҳои зарурӣ мусоидат мекунад, ки ин ақида ҷолиби дастгирист (С. 106).

**Боби 3 диссертатсия – «Шуури ҳуқуқии касбии судяҳо чун заминаи фаъолияти тафсири ҳуқуқӣ» ном дошта,** аз 3 зербоб иборат мебошад, дар доираи он ҷанбаҳои назариявии тафсири ҳуқуқӣ, намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ аз нигоҳи робитаи мантиқӣ ва низомнокии онҳо мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтанд (С. 172-213).

Зербоби якуми боби сеюм – **«Ҷанбаҳои назариявӣ, намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ»** номгузорӣ шуда, баррасии масъалаи тафсири қонун мебошад.

Дар ин росто муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳар як қонун аз фаслҳо, бобҳо, зербобҳо, моддаҳо, қисмҳо ва сархатҳо буда метавонанд ва дар шакли калимаҳое, ки ба ҷумлаҳо, матнҳо муттаҳид шудаанд, ифода меёбад. Баъзан иваз кардани танҳо ҳарфи як калима ва ё интиқол додани аломати китобатӣ кифоя аст, то мазмуни маъноии тамоми ибора ва меъёри қонун ба куллӣ тағйир ёбад (С. 172).

**Боби 4 диссертатсия – «Назарияи ҳуқуқи исботкунӣ ҳамчун омили шуури ҳуқуқии касбии судяҳо» ном дошта,** аз се зербоб иборат мебошад, дар доираи он масоили умуминазариявии таҳияи назарияи ҳуқуқи исботкунӣ, нақш ва ҷойи назарияи далелҳо ва назарияи исбот дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ, муайян карда мешаванд (С. 214-277 ).

**Боби 5 диссертатсия – «Роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо» ном дошта,** аз се зербоб иборат мебошад, дар доираи он тадбирҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо дар ҳошияи барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, мавриди омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтанд (С. 278-319).

Ташаббуси муаллиф доир ба таъсис додан механизми самараноки мониторинги ҳайати ҳокимияти судӣ, ки барои татбиқи адолати судӣ пешбинӣ мешавад, қобили дастгирӣ мебошад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки барои пешгирии зуҳуроти номатлуби татбиққунии ҳуқуқ, амалҳои

коррупсионӣ ва қабули санадҳои ғайриқонунию давомдор таъсиси чунин механизм, мувофиқи мақсад буда, дар асоси он ҳар моҳ санҷиши мувофиқатии санадҳои судӣ ба принсипҳои адолат ва қонуният, аттестатсияи ҳарсолаи судяҳо, тафтиши ҳамаҷонибаи шикоятҳои аз болои судя воридшуда, оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати судяҳо ва ғайраҳо гузаронидан зарур мебошад, ки ин ҳолат низ яке аз намудҳои такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии судӣ чун омили болоравии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мебошад (С. 287).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада** ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мураттабгашта вобаста ба мавзӯи ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда далолати саҳеҳият ва саҳми шахсии муаллиф мебошанд.**

Мавзӯи дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардида, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат менамояд. Инчунин, ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи мавриди таҳқиқ қарордодашуда, барои рушди дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим доранд. Таҳлили ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ҷонибдорӣ намудан ва нанамудани ақидаҳои дар илми ватанӣ ва хориҷи кишвар ҷойдоштаи олимон, муайян намудани мавқеи мустақил дар таҳлили масъалаҳо, истифодаи васеи маводи илмӣ, санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, асосноккунии нуктаҳои илмӣ, пешниҳод, таклиф ва дигар масъалаҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд, аз асоснокӣ ва эътимоднок будани хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологии «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқ гардидаанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти гузаронидашуда заминаи илмӣ-методологии таҳқиқоти минбаъдаи шуури ҳуқуқии ҷомеа, шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (прокурорҳо, кормандони гумрук ва ғайра), шуури ҳуқуқии касбӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон шуда метавонад.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар 73

мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 30 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 43 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд. Ҳамзамон, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Инчунин, дар доираи таҳқиқот 8 монография, 2 китоби дарсӣ ва 6 воситаи таълимӣ низ ба чоп расонида шудааст.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад.** Бо назардошти андешаҳои боло як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:

1. Муаллиф ҳангоми баҳо додан ба шуури ҳуқуқии касбии судя ҳамчун як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ дар банди дуюми нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, қайд менамояд, ки: «Омӯзиши шуури ҳуқуқии касбии судяҳо қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ мебошад. Таҳқиқи хислатҳои хоси ташаккул ва фаъолияти шуури ҳуқуқии касбии судяҳо имкон медиҳад, ки ба амал баровардани салоҳдиди судӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ фаҳмида шавад. Татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ аз лаҳзаи ворид гардидани маводи парванда барои баррасӣ то баровардани санади ниҳоии судӣ, бо қонунгузорӣ танзим карда мешавад. Баррасии фаъолияти судӣ танҳо ҳамчун мурофиавӣ метавонад ба тасаввуроти носаҳеҳ, дар бораи нақши шуури ҳуқуқии касбии судя – ҳамчун инъикоси фаъолияти мурофиавӣ оварад».

Муаллиф дар ин ҷо хулосабарорӣ менамояд, ки «Таҳқиқи хислатҳои хоси ташаккул ва фаъолияти шуури ҳуқуқии касбии судяҳо имкон медиҳад, ки ба амал баровардани салоҳдиди судӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ фаҳмида шавад» ва баъдан ин хулосабарории худро идома дода, қайд менамояд, ки: «Татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ аз лаҳзаи ворид гардидани маводи парванда барои баррасӣ то баровардани санади ниҳоии судӣ, бо қонунгузорӣ танзим карда мешавад».

Аз ин лиҳоз ба мо нофаҳмо мебошад, ки «шуури ҳуқуқии касбии судяҳо имкон медиҳад, ки салоҳдиди судӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ фаҳмида шавад» ё шуури ҳуқуқии касбии судяҳо бо «татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ», ки бо қонунгузорӣ танзим карда мешавад, фаҳмида мешавад.

2. Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои таърихии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо муаллиф қайд менамояд, ки: «Барои мо омӯзиши масъалаҳои таърихии ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ дар Империяи Византия проблемаи методологиро, ки аз як тараф, (ҳадди ақал қисман) тавассути истифодаи тамоми усулҳои мавҷудаи таҳқиқоти шуури ҳуқуқии муосир ҳалшаванда, аз тарафи диѓар – принсипи таърих ва омӯзиши ҳаматарафаи шуури ҳуқуқиро дар маҷмуъ ифода мекунад. Дар баробари ин, омезиши консепсияи давомияти шуури ҳуқуқӣ ва муқоисаи он берун аз ҷанбаи диахронӣ, инчунин тафовут байни проблематикаи шуури ҳуқуқии шахси мушаххас дар таърих ва шуури ҳуқуқии тамоми гуруҳҳои бутуни иҷтимоӣ, аз он ҷумла гуруҳҳои касбӣ, як нуқтаи муҳим ба шумор меравад» (С. 72). Аммо муаллиф асоснок намекунад, ки барои чӣ маҳз шакли Византии ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ интихоб ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Оё ин таълимоти шакли Византии ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ дар ба амал баровардани барномаҳои ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ, мустақилияти судяҳо ва дар умум, дар ба амал баровардани адолати судӣ ҳамчун омили таъсиррасон баромад мекунад ё не ё мебоист дигар шаклҳои таърихии ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешуданд?

3. Дар банди дувоздаҳуми тавсияҳо оид ба истифодаи назариявӣ натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф ибрози ақида менамояд, ки: «Бинобар асоси он ки дар Тоҷикистон таъсиси ҳукумати электронӣ пешбинӣ гардидааст, пешниҳод карда мешавад, ки рафти тамоми марҳилаҳои тафтишот ва ҳамаи мурофиаҳои судӣ ба таври электронӣ сабт карда шуда, дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва ҳамаи мурофиаҳои судӣ аз тартиб додани протоколҳои хаттии коғазӣ даст кашида шавад ва ҳомилҳои элктронӣ ба парвандаҳо ҳамроҳ карда шаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар қонунҳои мурофиавӣ вобаста ба сабти навори электронӣ муқарраротҳои дахлдор ворид карда шаванд».

Мо пурра ин пешниҳоди муаллифро дастгирӣ менамоем, аммо баъзе проблемаҳо ҷой доранд, ки бе ҳалли онҳо амалӣ намудани ин ҳадафҳо ғайриимкон мегарданд. Аз ҷумла, ин тартиб на дар ҳама парвандаҳо татбиқшаванда мебошанд. Мисол, дар таҳқиқ, тафтиш ва баррасии баъзе аз парвандаҳо ҳолатҳое мавҷуд мебошанд, ки дар онҳо сирри давлатӣ, сирри тиҷоратӣ ё сирри оилавӣ ҷой доштанашон мумкин аст. Пас савол ба миён меояд, ки дар чунин ҳолатҳо чӣ бояд кард? Оё роҳҳои ҳалли ин масъалаҳо ҷой доранд ва кадом тартиби ҳалли ин масъаларо пешниҳод намудан мумкин аст?

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати таҳқиқотро тағйир намедиҳанд.

**Хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи** Қодирзода Тоҳир Қамар мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ истифода гарданд. Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки пешниҳод, хулоса, тавсияҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мутобиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ дар доираи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – «Проблемаҳои татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» омода карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Зиёда аз ин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла, зимни таҳия ва қабули қонунҳо, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд, истифода шаванд. Онҳо заминаи илмии такмили минбаъдаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ шуда метавонанд, ки аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷумла, мазмуни мухтасари бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.**

Диссертатсияи мазкур, дар мавзӯи: «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи мазмун ва моҳият фарогири масъалаҳои гуногун мебошад. Аз ин лиҳоз, тамоми вазифаҳо ва мақсадҳое, ки дар назди таҳқиқоти мазкур гузошта шуда буданд, ба пуррагӣ аз усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда ҳалли худро пайдо намудаанд, ки ин имконият медиҳад, то ки мо таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Тоҳир Қамарро ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусии анҷомёфта эътироф намоем.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзӯи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, хусусан назарияи давлат ва ҳуқуқ ва проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат хоҳад намуд.

**Қисмати хотимавии тақриз**. Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қодирзода Тоҳир Қамар, пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, соҳаҳои дигари илмҳо ва хусусан илмҳои ҳуқуқшиносӣ мусоидат карда, барои ҳалли мусбии як қатор масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқот нақши муҳимро мебозад.

Ҳамзамон, хулоса, тавсияҳо, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан мақомоти судӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим дошта, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ метавонанд, истифода шаванд. Илова бар ин, маводи диссертатсияро ҳангоми таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, таълиф намудани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсияҳо васеъ истифода намудан, мумкин аст. Ҷиҳати хуби таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмии ҳамаҷонибаи донишҳои бадастовардашуда дар соҳаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ташкил медиҳад.

**Дар умум,** Қодирзода Тоҳир Қамар, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад. Бояд иброз дошт, ки тақризи мазкур бо назардошти банди 71 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент ________ **Р.М. Раҷабзода**

**Имзои Р.М. Раҷабзодаро тасдиқ менамоям:**
Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди кор бо ҳайати шахсӣ, полковники милитсия **М.С. Шарифзода**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Мирзо Мастонгулов, 3
телефон: +992 (37) 226-60-42

« 07 » 06. **2025 с.**